НАВРӮЗ МУБОРАК, ҲАМДИЁРОНИ АЗИЗ!

# ТАХТИ ҚУБОД

СОЗАНДАГИЮ БУНЁДКОРӢ ҲАДАФИ МОСТ!

Рӯзнома аз моҳи майи соли 1932 нашр мешавад
ҶУМЪА, 26 марти соли 2021
№13-14 (8413)

kubod36@mail.ru

Нашрияи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Қубодиён




# Паёми
## табрикии раиси ноҳияи Қубодиён Садриддинзода Бадриддин ба муносибати Иди байналмилалии Наврӯз

**Ҳозирини гиромӣ!**

Иди байналмилалии Наврӯзи хуҷастапай – ҷашни оғози баҳор ва соли нави мардуми тоҷикро ба ҳамаи Шумо ва пайвандонатон самимона табрику муборакбод гуфта, бароятон тансиҳатӣ, барори кору саодати рӯзгор, осмони софу беғубор ва фатҳу кушоиши бисёрро таманно мекунам.

Наврӯз риштаи ҷовидонаи пайванди инсону табиат, дақиқтарин мизони табодули фаслҳои сол ва рӯзгори одам аст. Наврӯз бо фарорасии баҳор кулбаву кошонаи моро нуру зиё мебахшад, дар вуҷуди мо поктарин эҳсосот ва волотарин умеду орзуро бедор месозад. Бо нафаси муборакаи хеш меҳри бародарӣ, шафқату меҳрубонӣ ва хайру саховатро бар дили ҳар яки мо меангезад.

Чун Наврӯз пайвандгари насли имрӯз бо расму ойин, арзишҳои парастиши хираду фазилат, зебоиву накукорӣ, меҳру садоқат ва анъанаҳои ниёгон аст, дар замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон сиёсати тамаддунпарвари Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои Наврӯз ва оинҳои он ҷони тозае ато намуд. Иди Наврӯз ҷашни саршор аз шарофату шафоат ва файзу баракат аст.

Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барҳақ зикр менамоянд: **«Асолати иҷтимоиву ахлоқии Наврӯз хеле бузург буда, нишонаи пешрафти тафаккури созандаву бунёдкоронаи халқ мебошад. Зеро Наврӯз рамзи рӯзи нав, ибтидои соли нав ва иқдому амалҳои нави ободониву тозакориҳо аст. Кишвари мо – Тоҷикистон сарзамини хуршедӣ ва як гӯшаи биҳишти рӯйи заминаст, ки бо қадамҳои муборaки Наврӯз ба гулистон табдил ёфта, бо ҷомаи сабзи худ ба мо зиндагии хуш ва нуру сафоро ҳадя меорад».**

Наврӯз куҳансолтарин ойини миллӣ дар ҷаҳон аст, ки ҷовидона мондааст ва яке аз омилҳои нигаҳбонии фарҳанги тоҷикон мебошад. То ҳоло пойдор будан ва тайи 6 ҳазор сол аз байн нарафтани ин ойини зебо гувоҳ аз бузургӣ ва хирадофаринии мардуми мо мебошад.

Далели асосии умри тӯлонӣ доштани Наврӯз табиӣ будани он аст, зеро маҳз дар арафаи Наврӯз табиат эҳё шуда, замин қабои сабз ба бар менамояд, марди деҳқон ба кишти баҳорӣ оғоз намуда, бо умеду нияти ба даст овардани ҳосили фаровон ба замин дона мепошад. Дигар ин, ки Наврӯз айёми тавозуни байни табиат ва инсон буда, баробарии дигаргунии куллӣ дар табиат рӯҳи инсонро низ тағйир медиҳад ва ӯро ба рӯзи неку рӯзгори обод умедвор месозад.

Наврӯз бо ҳама ҳусни табииву заминаиш намунаи фарҳангу тамаддуни олӣ ба ҳисоб рафта, аз давраҳои дерин барои муҳаббату самимият ва сулҳу ваҳдати инсонҳо заминаи беҳтарини маънавӣ фароҳам овардаaст. Дар фалсафаи Наврӯз амали созандаву офаранда чун унсури аввалини фаъолияти инсон шинохта мешавад, ки ҳунари кишоварзӣ баёнгари возеҳтарини он мебошад. Ҳамчунин зикр бояд кард, ки бахшиши гуноҳҳо, навозиши ятимону маъюбон, аёдати калонсолону беморон, хайру саховат ба дармондагону ниёзмандон ва саҳмгузоштан дар корҳои созандагиву ободонӣ-донаи умед коштан, ниҳолҳои босамар шинондан, тозаву озода кардани хонаву кошона ва кӯчаву растаҳо суннатҳои асосии Наврӯз ба шумор мераванд.

Соли равон мардуми шарафманди тоҷик ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро истиқбол мегирад. Ба муносибати ин ҷашни муҳими давлатӣ мардуми сарбаланди Қубодиён тамоми кӯшишҳои худро барои дар сатҳи баланд таҷлил намудани ин санаи муҳими таърихӣ равона карда истодааст.

Ҳаминаст, ки дар арафаи таҷлили ин ҷашни бузург дар доираи нақшаи чорабиниҳои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия оид ба сазовор истиқбол намудани ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳои ободониву бунёдкорӣ ба монанди чароғонкунӣ ва ҳамвору мумфаршсозии роҳу кӯчаҳо,сохтмонҳои ҳаммому сартарошхона, кошонаи ҳусн, нуқтаҳои хизматрасонӣ, бунгоҳҳои тиббӣ, майдончаҳои замонавии варзишӣ, толорҳои варзишӣ, сохтмони биноҳои маъмурии шуъбаи маорифу ҷамоатҳои деҳоти ноҳия ва муассисаҳои таълимӣ бо маром идома доранд.

Воқеан, яке аз рамзҳои Наврӯзӣ шинондани ниҳолу коштани донаи умед мебошад.

Деҳқонони ноҳия соли равон дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидории ноҳия дар майдони беш аз 5 000 гектар кишти зироатҳои кишоварзӣ гузаронида, дар бахши ҷамъиятӣ ва хоҷагиҳои деҳқонии ноҳия дар майдони зиёда аз 3 100 гектар кишти зироатҳои барвақтӣ гузаронида шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 87 гектар зиёд мебошад.

Кишоварзони ноҳия соли гузашта натиҷаи хуби истеҳсолӣ нишон дода, бо нишондодҳои хуби меҳнатӣ нақша ва дурнамоҳои пешбини шудаи соҳаро иҷро намуданд. Аз ҷумла дар майдони 7 ҳазору 574 гектар кишти пахта гузаронида шуд, ки аз ин 17 ҳазору 320 тонна ҳосил рӯёнда шуд.

Рӯёнидани ҳосили фаровон, истифодаи оқилонаи обу замин, афзун намудани истеҳсоли маҳсулоти худӣ, аз ҷумлаи корҳое мебошанд, ки ҳар кадоми мо бояд онҳоро ба хотири боз ҳам ободу зебо ва пешрафта гардонидани Ватани маҳбубамон-Тоҷикистони озоду соҳибихтиёр анҷом диҳем.

Дар ин лаҳзаҳои фараҳбахши наврӯзӣ маъюбону ятимон ва эҳтиёҷмандон ба меҳру муҳаббат ниёз доранд. Аёдати онҳо барояшон умеди зиндагӣ мебахшад. Ин амалҳои хайру савоб, бахусус дастгирии ятимону барҷомондагон ва маъюбону пиронсолон, шодгардонии онҳо суннати деринаи ниёгонамон мебошад.

Аз ин лиҳоз, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия ин расму оини деринаи ниёгонро пос дошта, дар арафаи ҷашнҳои милливу давлатӣ нисбат ба ин қишри аҳолӣ таваҷҷӯҳи хос зоҳир менамояд.

Яке аз рамзҳои дигари наврӯзӣ тозаву озода кардани хонаву манзили зист ва кӯчаву хиёбон мебошад.

Барои ин, пеш аз ҳама, ҳар як сокини ноҳия бояд кӯшиш намояд, ки барои ободии диёрамон саҳми худро гузорад, маҳалли зист ва кору таҳсили худро ҳамеша тозаву озода нигоҳ дорад. Ин қарзи ватандӯстонаву шаҳрвандии ҳамаи сокинони ноҳия ва вазифаи инсонии ҳар як фарди бонангу номуси ҷомеа мебошад.

Бо назардошти аҳамияти муҳими иду ҷашнҳои миллӣ Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми солонаи худ ба Маҷлиси Олии кишвар зикр намуданд: **"Мо ифтихор дорем, ки Тоҷикистон, барҳақ, ватани Наврӯз, Сада, Тиргон ва Меҳргон аст. Ҳаркадоме аз ин ҷашнҳо таърихи беш аз 6000-сола дорад. Ва ин далел низ боиси ифтихори мост, ки Наврӯзи бостонӣ имрӯз ҷашни ҷаҳонӣ гардидааст".**

Бигзор, ҷашни Наврӯз ҳамчун решапайванди наслҳо, пайвандгари дирӯзу имрӯз, таҷассумгари суннатҳои неки ниёгон ва мероси нодири аҷдодамон барои мардуми шарифи Тоҷикистон, аз ҷумла ҷавонони ояндасози мо ба сифати арзиши бебаҳои маънавӣ хизмат намояд.

Бигзор, Наврӯз ба ҳар як хонадони мардуми мо, кулли тоҷикони ҷаҳон ва ҳамаи халқу миллатҳои олам паёми бахту саодат ва сулҳу субот оварад.

Бори дигар кулли мардуми сарбаланди Тоҷикистон, сокинони шарафманди ноҳияи Қубодиён ва ҳамаи Шумо-ширкаткунандагони чорабинии имрӯзаро ба ифтихори ҷашни Наврӯзи Аҷам самимона табрик мегӯям ва ба ҳар яки Шумо хонаи обод, иқболи нек, зиндагии орому осуда ва ба Тоҷикистони маҳбубамон Наврӯзи ҷовидонӣ орзумандам.

**Ҷашни Наврӯзи ҷаҳонӣ муборак бошад, ҳамдиёрони азиз!**

# ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи ба эҳтиёт рухсат додани хизматчиёни ҳарбие, ки муҳлати муқарраргардидаи хизмати ҳарбиро адо намудаанд ва даъвати навбатии шаҳрвандони солҳои таваллуди 1994-2003 Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хизмати ҳарбӣ**

**Мутобиқи моддаи 7 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мудофиа» фармон медиҳам:**

1.Хизматчиёни ҳарбие, ки муҳлати муқарраргардидаи хизмати ҳарбиро адо намудаанд, моҳҳои апрел-майи соли 2021 аз сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қӯшунҳои дохилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қӯшунҳои мудофиаи граждании Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, бригадаи посбоникунандаи Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, баталиони кишоварзии Агентии таъминоти амволи махсуси назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба эҳтиёт рухсат карда шаванд.

2.Моҳҳои апрел-майи соли 2021 шаҳрвандони ҷинси марди то рӯзи даъват ба синни 18 расида, инчунин шаҳрвандони синни калонтари Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳуқуқи ба таъхир андохтани муҳлати даъват ё озод будан аз даъват ба хизмати ҳарбиро надоранд, барои хизмат ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қӯшунҳои дохилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қӯшунҳои мудофиаи граждании Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, бригадаи посбоникунандаи Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, баталиони кишоварзии Агентии таъминоти амволи махсуси назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон даъват карда шаванд.

4.Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, раисони комиссияи даъватии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо бо иштироки намояндагони мақомоти амният ва корҳои дохилӣ даъвати шаҳрвандонро аз ҳисоби интихоби дақиқи даъватшавандагон ба қӯшунҳои сарҳадӣ, Гвардияи миллӣ ва қисмҳои ҳарбии таъиноти махсус, бо дарназардошти хусусиятҳои хоси хизмат дар ин воҳидҳо ва дар навбати аввал пуррагардонии онҳо амалӣ намоянд.

5.Раисони шаҳру ноҳияҳо бо дарки масъулияти якҷо бо комиссариатҳои ҳарбӣ барои амалӣ намудани муқаррароти моддаи 34 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи уҳдадории ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» даъвати муташаккилонаи шаҳрвандонро ба хизмати ҳарбӣ ба роҳ монанд.

6.Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон омодагӣ ва рафти даъвати шаҳрвандонро ба хизмати ҳарбӣ ба таври васеъ инъикос намуда, хизмати ҳарбиро дар Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун вазифаи муқаддаси ҳар як шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон тарғиб намоянд.

7.Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои муоинаи назорати тиббии даъватшавандагоне, ки аз ҷониби комиссияи даъватии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳияҳо даъват шудаанд, табибону мутахассисони ботаҷрибаро сафарбар намоянд.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**ЭМОМАЛӢ РАҲМОН**

**ш. Душанбе**
**10 марти соли 2021**
**№141**

# ҚАРОРИ РАИСИ НОҲИЯИ ҚУБОДИЁН

**Дар бораи қарори раиси вилояти Хатлон аз 12 марти соли 2021, №82 «Оид ба Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 марти соли 2021, №141 «Дар бораи ба эҳтиёт рухсат додани хизматчиёни ҳарбие, ки муҳлати муқарраргардидаи хизмати ҳарбиро адо намудаанд ва даъвати навбатии шаҳрвандони солҳои таваллуди 1994-2003 Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хизмати ҳарбӣ».**

Бо мақсади таъмини Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 марти соли 2021, №141 «Дар бораи ба эҳтиёт рухсат додани хизматчиёни ҳарбие, ки муҳлати муқарраргардидаи хизмати ҳарбиро адо намудаанд ва даъвати навбатии шаҳрвандони солҳои таваллуди 1994-2003 Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хизмати ҳарбӣ», мутобиқи моддаҳои 19, 20-и Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ», моддаи 33-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи уҳдадории умумии ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» ва моддаи 13-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мудофиа» **қарор мекунам:**

1.Қарори раиси вилояти Хатлон аз 12 марти соли 2021, №82 «Оид ба Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 марти соли 2021, №141 «Дар бораи ба эҳтиёт рухсат додани хизматчиёни ҳарбие, ки муҳлати муқарраргардидаи хизмати ҳарбиро адо намудаанд ва даъвати навбатии шаҳрвандони солҳои таваллуди 1994-2003 Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хизматӣ ҳарбӣ», барои иҷро ба роҳбарӣ гирифта шавад.

2.Раисони ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот ва комиссариати ҳарбии ноҳия дар моҳҳои апрел-майи соли 2021 шаҳрвандони то рӯзи даъват ба синни 18 расида, инчунин шаҳрвандони синни калонтари Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳуқуқи ба таъхир андохтани муҳлати даъват ё озод будан аз даъват ба хизмати ҳарбиро надоранд, барои хизмат ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қӯшунҳои дохилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қӯшунҳои мудофиаи граждании Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, бригадаи посбоникунандаи Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва баталиони кишоварзии Агентии таъминоти амволи махсуси назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон даъват намоянд.

3.Мутобиқи моддаи 33-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи уҳдадории умумии ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» барои ташкил ва гузаронидани даъвати шаҳрвандон ба хизмати ҳарбӣ, назорати дурустии даъвати шаҳрвандон ва аз даъвати ҳарбӣ озод намудани шаҳрвандон, асоснок фиристонидани онҳо ба навъҳои Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва баррасии арзу шикоятҳои шаҳрвандон комиссияи даъватии ноҳия таъсис дода шавад (замимаи 1).

4.Роҳбарони сохторҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар ноҳия ва ташкилоту идораҳое, ки намояндаҳои онҳо ба Комиссияи даъватии ноҳия шомил карда шудаанд вазифадор карда шаванд, ки иштироки намояндагони худро таъмин намуда, барои иштироки онҳо дар кори Комиссия дар муҳлатҳои муқарраргардида қонун монеа эҷод нанамоянд.

5.Раиси комиссияи даъватии ноҳия даъвати шаҳрвандонро аз ҳисоби даъватшавандагони ба таври дақиқ интихоб шуда ба қӯшунҳои сарҳадӣ, Гвардияи миллӣ ва қисмҳои ҳарбии таъиноти махсус, бо таваҷҷуҳ ба хусусиятҳои хоси хизмат дар ин воҳидҳо ва дар навбати аввал пуррагардонии онҳо бо иштироки намояндагони мақомоти амният ва корҳои дохилӣ амалӣ намояд.

6.Комиссияи даъватии ноҳия фаъолияти худро дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи уҳдадории умумии ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ», ба амал бароварда, дурустии ба таъхир андохтани мӯҳлати даъвати шаҳрвандон ва аз даъвати ҳарбӣ озод намудани шаҳрвандонро мавриди баррасӣ қарор диҳад.

7.Беморхонаи марказии ноҳия ва шабакаи муассисаҳои Кумаки аввалияи тиббию санитарии ноҳия нуқтаи даъватиро бо доруворӣ, дигар лавозимот ва автомашинаи ёрии таъҷилӣ таъмин намуда, барои муоинаи даъватшавандагон мутахассисони пуртаҷриба ва кормандони хурди тиббиро ҷудо намоянд (замимаи 2).

8.Беморхонаи марказии ноҳия, шабакаи муассисаҳои Кумаки аввалияи тиббию санитарии ноҳия ва комиссариати ҳарбии ноҳия вазифадор карда шаванд, ки вобаста ба пешгирии бемории сирояти нави коронавирус (КОВИД-19) нуқтаи даъватиро бо маводҳои безарарагардон антисептикӣ, шахсони масъули комиссияи даъватӣ ва даъватшавандагонро бо ниқобҳо таъмин намуда, дар нуқтаҳои даъватӣ барои риояи фосилаи иҷтимоӣ чораҳои дахлдор андешанд.

9.Комиссариати ҳарбии ноҳия вазифадор карда шавад, ки барои сафарбар намудани даъватшавандагон аз маркази ноҳия то комиссариати ҳарбии вилояти Хатлон бо воситаи нақлиётҳои мусофиркаш мувофиқи шартномаи сафарбаркунии даъватшавандагонро ба роҳ монад.

10.Раёсати Ҷамъияти матлуботи ноҳия дар давраи даъвати ҷавонон ба хизмати ҳарбӣ дар назди комиссариати ҳарбии ноҳия савдои маводҳои заруриӣ ва хӯроки умумиро ташкил намояд.

11.Шӯъбаи рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеаи дастгоҳи раиси ноҳия, дар якҷоягӣ бо бахши фарҳанг, бахши кор бо ҷавонон ва варзиши ноҳия, бахши кор бо занон ва оила, рӯзномаи ноҳиявии «Тахти Қубод» омодагӣ ва рафти даъвати шаҳрвандонро ба хизмати ҳарбӣ ҳаматарафа инъикос намуда, адои хизмати ҳарбиро дар Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун вазифаи муқаддаси ҳар як шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ташвиқу тарғиб намоянд.

12.Раисони ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот, роҳбарони корхонаю муассисаҳо ва идораю ташкилотҳои ноҳиявӣ дар давраи сафарбар намудани ҷавонон ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нуқтаи қабули ноҳиявӣ шумораи лозимии коркунони техникиро ҷудо намоянд (замимаи 3).

13.Шӯъбаи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳия уҳдадор аст;

-рӯйхати шаҳрвандони синну соли даъватии доғи суди доштаро ба комиссариати ноҳия ва комиссариати вилоят то 1 апрели соли 2021 пешниҳод намояд;

-дар давраи кори комиссияи даъватӣ барои нигоҳ доштани тартиботи ҷамъияти кормандони мутасаддиро ҷудо намояд;

-дар бораи ҳодисаҳои ошкор намудани шаҳрвандоне, ки уҳдадоранд ба қайди ҳарбӣ дохил шаванд, инчунин дар бораи шахсоне, ки шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистонро қабул кардаанд, вале дар қайди ҳарбӣ нестанд, дар муҳлати ҳафт рӯз ба комиссариати ҳарбии ноҳия хабар диҳанд.

14. Ба маълумот гирифта шавад, ки тибқи талаботи моддаи 10-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ӯҳдадории умумии ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ»:

-мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, шахсони мансабдори корхонаҳо, муассисаҳо, дигар ташкилоту идораҳо сарфи назар аз шакли моликият ва ташкилию ҳуқуқӣ уҳдадоранд, ки шаҳрвандонро аз даъватҳои комиссарияти ҳарбӣ хабардор созанд, ба шаҳрвандон имконияти ба даъвати комиссарияти ҳарбӣ сари вақт ҳозир шуданро таъмин намоянд ва бо дархости комиссарияти ҳарбӣ маълумотҳои (руйхати кормандон, донишҷӯён, толибилмон) дар бораи шаҳрвандони ба қайди ҳарбӣ дохилшаванда ва дар қайди ҳарбӣ бударо, ки барои ба ҳуҷҷатҳои қайди ҳарбӣ дохил кардан заруранд, фиристонанд.

-бахши сабти асноди ҳолати шаҳрвандии ноҳия уҳдадораст дар бораи ворид намудани тағйироти сабти асноди ҳолати шаҳрвандии шаҳрвандоне, ки дар қайди ҳарбӣ мебошанд ё уҳдадоранд ба қайди ҳарбӣ дохил шаванд дар муҳлати ҳафт рӯз ба комиссариати ҳарбии ноҳия хабар диҳад;

-шуъбаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолии ноҳия уҳдадораст дар бораи аз ҷониби онҳо ба қайд гирифтани шаҳрвандони 16-27 сола дар муҳлати ҳафт рӯз ба комиссариати ҳарбии ноҳия хабар диҳад;

-мақомоти таҳқиқ, тафтишоти пешакӣ уҳдадоранд дар муҳлати ҳафт рӯз дар бораи оғоз намудани парвандаҳои ҷиноятӣ нисбати шаҳрвандоне, ки дар қайди ҳарбӣ мебошанд ё уҳдадоранд ба қайди ҳарбӣ бошанд, ба комиссариати ҳарбии ноҳия хабар диҳанд ва дар мавриди қатъ намудани парвандаи ҷиноятӣ, новобаста ба асосҳои қатъ, уҳдадоранд дар муҳлати ҳафт рӯз комисариати ҳарбии ноҳия хабар диҳанд ;

-суди ноҳия уҳдадораст дар муҳлати ҳафт рӯз ба комиссариати ҳарбии ноҳия дар бораи аз ҷониби онҳо оғоз намудан ё қатъ намудани парвандаҳои ҷиноятӣ нисбати шаҳрвандоне, ки дар қайди ҳарбӣ мебошанд ё онҳо, ки уҳдадоранд ба қайди ҳарбӣ дохил шаванд ва дар бораи ба қувваи қонунӣ даромадани ҳукмҳо нисбати шаҳрвандоне, ки дар қайди ҳарбӣ мебошанд ё уҳдадоранд ба қайди ҳарбӣ дохил шаванд, хабар диҳад;

-бахши ҳифзи иҷтимоии аҳолии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия уҳдадор аст дар бораи маъюб донистани шаҳрвандоне, ки дар қайди ҳарбӣ мебошанд ё уҳдадоранд ба қайд ҳарбӣ дохил шаванд дар муҳлати ҳафт рӯз ба комиссариати ҳарбии ноҳия хабар диҳад.

15.Мутобиқи моддаи 34-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи уҳдадории умумии ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» барои ташкил намудани даъвати шаҳрвандон ба хизмати ҳарбии ҳатмии мӯҳлатнок раиси ноҳия, комиссари ҳарбӣ ва аъзои комиссияи даъватӣ масъул мебошанд.

16.Ба маълумот гирифта шавад, ки таъминоти молиявӣ ва моддии чорабиниҳои вобаста ба иҷрои уҳдадории умумии ҳарбӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷети дахлдор бо тартибе, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи уҳдадории умумии ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» муайян намудааст, ба амал бароварда мешавад.

17.Раёсати молияи ноҳияи вазифадор карда шавад, ки маблағҳои таъминоти молиявӣ ва модии чорабиниҳои вобаста ба иҷрои уҳдадории ҳарбӣ зарур бударо сари вақт ҷудо намояд.

18.Қарори раиси ноҳияи Қубодиён аз 21 сентябри соли 2020, №999 «Дар бораи қарори раиси вилояти Хатлон аз 8 сентябри соли 2020, №245 «Оид ба Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 сентябри соли 2020, №1605 «Дар бораи ба эҳтиёт рухсат додани хизматчиёни ҳарбие, ки муҳлати муқарраргардидаи хизмати ҳарбиро адо намудаанд ва даъвати навбатии шаҳрвандони солҳои таваллуди 1993-2002 Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хизмати ҳарбӣ» аз назорат бароварда шавад.

19.Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини соҳавии раиси ноҳия гузошта шавад.

**Раиси ноҳияи Қубодиён**
**Б. САДРИДДИНЗОДА**
**19 марти соли 2021**
**№361**



# Вохӯрӣ бо ятимони кулли вилояти Хатлон дар шаҳри Бохтар

24-уми март Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маркази шаҳри Бохтар дар тарабхонаи "Малика" бо 200 нафар ятимони кулли вилояти Хатлон вохӯрии самимӣ анҷом доданд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо ятимони кулли вилояти Хатлон аз шаҳру ноҳияҳои Бохтар, Левакант, Норак, Абдураҳмони Ҷомӣ, Ёвон, Хуросон, Кӯшониён ва Вахш вохӯрӣ карда, ба онҳо туҳфаҳои наврӯзӣ тақдим карданд.

Тӯҳфаҳои Сарвари давлат аз сару либос, шириниҳо, 5 намуд китоби бадеӣ ва кумакҳои пулӣ иборат буд.

Зимни суханронӣ Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба талошҳову тадбирҳои Ҳукумати кишвар баҳри таъмини зиндагии шоистаи кӯдаконе, ки бо амри тақдир аз падару модар ятим мондаанд, инчунин дар бораи дастгириҳои дигар табақаҳои ниёзманди ҷомеа андешаронӣ карданд.

Дар вилояти Хатлон 29 ташкилоту муассисаи иҷтимоии хизматрасонӣ ба шахсони маъюб ва кӯдакони имконияташон маҳдуд ваъолият доранд, ки дар онҳо садҳо нафар ба ғамхории роҳбарияти давлату Ҳукумат фаро гирифта шудаанд.

Айни ҳол Ҷумҳурӣ 63 мактаб-интернат фаъолият менамояд, ки дар онҳо соли таҳсили 2020-2021 8146 нафар, аз ин 2526 нафараш духтар, таълимгиранда, аз ҷумла 1653 нафар кӯдакони имконияташон маҳдуд, 176 нафар ятими кулл, 1384 нафар бепадар, 343 нафар бемодар ба таълиму тарбия ва ғамхории Пешвои миллат фаро гирифта шудааст

Аз шумораи умумии мактаб-интернатҳо 14 мактаб-интернати ҷумҳуриявӣ тобеи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, 9 мактаб-интернати ҷуҳуриявии кӯдакони ятим, 4мактаб-интернат барои кӯдакони имконияташон маҳдуд ва 1 мактаби махсуси ҷумҳуриявии шаҳри Душанбе, буда, дар онҳо дар соли таҳсили 2020-2021 дар маҷмӯъ, 2585 нафар ба таҳсил фаро гирифта шудаанд,ки аз онҳо 564 нафар кӯдакони имконияташон маҳдуд, 53 нафар ятими кулл, 440 нафар бепадар ва 140 нафар бемодар мебошанд.

Мавриди зикр аст, ки ҳамаи ин кӯдакон зери ғамхории падаронаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор доранд ва ҳамеша Сарвари давлат аз ҳолу аҳвол, шароити зисту таҳсилашон бохабар ҳастанд.

Вохӯрии Президенти мамлакат низ идомаи мантиқии тадбирҳои башардӯстонаи сиёсати иҷтимоию инсонпарваронаи Сарвари давлат мебошад.

***«ТАХТИ ҚУБОД»***

# КӮМАКИ МОЛИЯВӢ ДАР АРАФАИ ҶАШНИ НАВРӮЗ



Исозода Диловаршо, Ректори Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон дар шаҳри Бохтар зимни як сафари худ ба ноҳияи Қубодиён ҳамроҳ бо иҷрокунандаи вазифаи мудири шӯъбаи маорифи ноҳия Саъдулло Мирзоев аз мактаб-интернат дидан карда бо тарбиятгирандагони ин даргоҳ вохӯрии судманде анҷом намуданд.

Кумаки яквақтаинаи озуқаворӣ аз ҷумла орд, равған, макарон, шакар ва ғайраҳо дастовези меҳмон ба мактаб-интернати ноҳия дастрас гардид.

***ТАХТИ ҚУБОД***

# ВАЗИРБОНУ ИНШООТҲОИ ҶАШНИРО ИФТИТОҲ НАМУДАНД





Санаи 20 марти соли 2021 дар арафаи ҷашни иди Наврӯзи байналмилалӣ раиси нохияи Кубодиён Садриддинзода Бадриддин ва Вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ширин Амонзода дар Ҷамоати деҳоти ба номи Носири Хусрав, деҳаи Ахча бинои нави бунгоҳи саломатиро дар ҳолати тантанавӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.

Бинои бунгоҳи саломатии мазкур аз тарафи сокинони сарбаланд ва ба ору номуси деҳаи Ахча ва дастгирии кормандони кӯмаки аввалияи тиббию санитарии ноҳия сохта шудааст.




# ТАҶЛИЛИ НАВРӮЗ ДАР ҚУБОДИЁН

Санаи 20 марти соли 2021 дар гулгашти назди муҷассамаи Носири Хусрав бо иштироки раиси ноҳия мухтарам Садриддинзода Б. ва Вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ширин Амонзода, инчунин сокинони барӯманди деҳоти қаламрави ноҳия Наврӯзи байналмилалӣ бо як шукуҳу шаҳомати хоса ҷашн гирифта шуд.

Сараввал меҳмононро дар маркази нохия бо дастархони Наврӯзӣ, ҳафсину ҳафшин ва бозиҳои гуногуни миллӣ пешвоз гирифтанд.

Сипас раиси ноҳия Садриддинзода Бадриддин ҳозиринро ба ҷашни байналмилалии Наврӯз табрик гуфта иброз намуданд, ки бо дасгириҳои пайвастаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Наврӯз ҷаҳонӣ шуда имрӯз дар тамоми дунё бо як шукуҳу шаҳомати баланд ҷашн гирифта мешавад, ки ин ифтихори мо тоҷикон аст.

Дар навбати худ Вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ширин Амонзода аз номи гуруҳи корӣ оид ба ободонӣ бахшида ба ҷашни бузурги ватанӣ 30 - солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Қубодиён сокинони ноҳияро ба таҷлили ҷашни Наврӯзи байналмилалӣ табрик намуданд.

Инчунин кормандони ҳифзи ҳуқуқ, собиқадорони меҳнат, фаъолони ноҳия ва як қатор ҷавонони гуруҳи Авангард аз ҷониби Садриддинзода Бадриддин ва бонувазир Ширин Амонзода, бо Сипоснома қадрдонӣ шуданд.

Ба маврид аст зикр намудан, ки дар чорабинии мазкур зиёда аз 40 нафар ҷавонони фаъоли гуруҳи Авангард (Пешоҳанг)-и ноҳияи Қубодиён барои тартиботи ҷамъияти саҳм гузоштанд.

Дар охир санъаткорони бахши фарҳанги ноҳияи Қубодиён хотири иштирокдорони чорабиниро бо барномаи фарҳангӣ болида гардониданд.



# АДИБИ БАЧАГОН АЗИЗИ ДИЛҲОСТ

Чорабинӣ дар доираи ҳамкорӣ бо USAID, лоиҳаи "Ҳамроҳ бихонем" баргузор гардид. Субҳи барвақт меҳмонони иззатманд нависандаи халқии Ҷумҳурии Тоҷикистон Азизи Азиз, ки эҷодашон пурра ба бачагон бахшида шудааст ва яке аз адибони дӯстдоштаи насли наврасанд ҳамроҳ бо рассом ва аксбардор аз пойтахти кишвар ба диёри файзбори Қубодиёни бостони қадам ранҷа намуданд. Устод Азизи Азиз дар толори Қасри фарҳанги ноҳия бо мактаббачагони то синфи 6-ум суҳбати дӯстона, падарона ва шоирона оростанд. Талабагон дар бораи лоиҳа ва нависандаи дӯстдоштаашон Азизи Азиз пешакӣ тайёрӣ дида, ба мулоқот омодагӣ доштанд. Устод Азизӣ бо ҳаводорони ашъорашон саволу ҷавоб намуда шеърхонию чистонгӯяк карданд. Хонандагони болаёқат донишу малака ва расмҳои тасвирнамудаи худро пешкаши меҳмонон ва доварон намуданд.



Пас аз суҳбати гарму ҷӯшон бо зиёиён хонандагони фаъол бо китобу дигар туҳфаҳои хотиравӣ қадрдонӣ карда шуданд. Мактаббачагон дар анҷоми вохӯрӣ меҳмононро бори дигар ба зодгоҳи мутафаккир, файласуф, шоир Носири Хусрави Қубодиёнӣ, ки файзбору, зархезу офтобрӯя аст ва мардумонаш меҳмоннавозанд бо як овоз хуш омадед, гуфтанд.

***Фаррух ҲАИТМУРОДЗОДА***
***мухбири "Тахти Қубод"***

# МАҲФИЛИ ШИРУ ШАКАР





Дар арафаи таҷлил аз Наврӯзи фирӯзпайк дар доираи дидори наврӯзии адибон бо мардуми минтақаҳои кишвар маҳфили эҷодии як зумра шоирон ва нависандагон аз ҷумлаи шоирони халқии Ҷумҳурии Тоҷикистон Амиршоҳи Раҳимӣ (Хатлонӣ), Назокат Олимзода, Офоқ Қодириён ва Саидҷаъфар Баёзӣ дар Қубодиён баргузор гардид.

Ин базми омехта аз шеъру сухану созу овоз, ки номи рамзии "ширу шакар" дорад, бо дастури Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯзҳо дар тамоми шаҳру ноҳияҳо доир шуда, навъе пайванди зиндаву отифии мардум бо адабиёту фарҳанг ва наздикии адибон бо мардумро эҳё ва тақвият менамояд.

Роҳбарияти ноҳияи Қубодиён аз сари масъулиятшиносӣ ва фарҳангпарваронаи худ маҳфилро дар баландтарин сатҳи имконпазир доир намуда, барои мардуми огоҳу суханпарвару адабшиноси ноҳия барномаи зебову пурмазмуни фарҳангию адабиро таҳия карда буданд.

Аҳли толор низ бештаринашон аз ҳузури фарҳангу ҳунари ноҳия, зиёиёну дӯстдорони шеъру сухан ва масъулону фаъолони маҳаллӣ лабрез ва фароҳам шуда буд, ки худ сатҳу истиқболи маҳфилро бисёр боло мебурд.

Шоирони гиромӣ, як-як намунаҳои осори худро дар мазмунҳои ватандориву миллатдӯстӣ, дӯстиву рафоқат, ишқу муҳаббат ва илму маърифат қироату муаррифӣ намуда, мавриди истиқболи самимона қарор гирифтанд.

Ба ин муносибат ҳунармандони хонаи фарҳанги ноҳия сурудҳои зебо сохта онҳоро дар фосилаи шеъру сухани меҳмонон, бо маҳорати баланду камоли касбӣ пешниҳод карданд. Ба ин восита аз омезаи шеъру суруд базми зебову пурмазмуну ёдмондание баргузор гашт.

***Фаррух ҲАИТМУРОДЗОДА***
***мухбири "Тахти Қубод"***

# ТАҶЛИЛИ НАВРӮЗИ





























# ҚУБОДИЁН ДАР АКСҲО



































# СОХТМОНИ МАКТАБ ИДОМА ДОРАД



Мактабу маориф яке аз масъалаҳои меҳварии сиёсати давлату Ҳукумати мамлакат буда, сол то сол ба он таваҷҷуҳи бештар карда мешавад. Чуноне ки аз Паёми имсолаи Пешвои миллат бармеояд, аз соли 1991 то имрӯз дар кишвари азизамон 3020 иншооти соҳаи маориф бо зиёда аз 1 миллиону 300 ҳазор ҷойи нишаст сохта ба истифода супорида шудааст. Гузашта аз ин барои беҳтар кардани сатҳу сифати таълим муассисаҳои типи нави замони истиқол, яъне мактабҳои президентӣ ва литсею гимназияҳо сохта шуданд, ки ҳамасола зиёда аз 97 фоизи хатмкунандагони ин муассисаҳо сазовори номи баланди донишҷӯй мегарданд. Лозим ба ёдоварист, ки дар сохтан ва ба истифода додани муассисаҳои таълимӣ дар баробари ҳукумати маҳал ва шаҳру ноҳияҳо инчунин саҳми соҳибкорон ва шахсони саховатпеша хеле калон ва назаррас аст. Ин нуктаро Президенти кишвар мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми имсола алоҳида қайд карда, аз ҷумла гуфтанд:

**«Бо истифода аз фурсат, ба хурду бузурги Тоҷикистон, аз ҷумла ба соҳибкорону шахсони саховатманд барои фаъолияти софдилона ба хотири ободиву пешрафти Ватани маҳбубамон миннатдории самимӣ баён менамоям.»**

Чунин як шахси соҳибкору саховатманд, ки дар тинаташ нерӯи созандагиву ободкорӣ нуҳуфтааст, ин Ҳоҷи Алишер мебошад, ки оиди фаъолияти вай каме ҳам бошад мехостем барои хонандаи азиз маълумот диҳем. Содиқов Алишер Турахонович соли 1982 дар деҳаи Чимғилиш - 1 -и ҷ/д «Заркамар» ба дунё омадааст. Вай соли 1999 муассисаи таълимии № 14 - и деҳаашро хатм намуда, сипас ба минтақаи Боғҷигда кӯчида омада ба касбу кори деҳқонӣ машғул шудааст. Номбурда алҳол хоҷагии деҳқонӣ дорад. Деҳаи Боғҷигда навбунёд буда, дар соҳили дарёи Кофарниҳон ҷойгир аст ва дар он зиёда аз 20 хоҷагӣ зиндагӣ мекунад. Деҳаи мазкур ба ҷ/д «Заркамар» мансуб буда, аз маркази ноҳия дар масофаи зиёда аз 50 км дуртар воқеъ гаштааст. Аҳолӣ асосан ба кишту кор ва деҳқонӣ машғул буда, заминҳои киштро ба воситаи пойгоҳи обкашӣ (насосҳо) обёрӣ мекунанд. Бо ташаббуси Ҳоҷӣ Алишер ва дастгирии ҳукумати ноҳияву ҳукумати маҳал, бо иштироки раиси ноҳия ва Вазири меҳнат ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тирамоҳи соли 2020 дар ин минтақа сохтмони мактаб оғоз гардид, ки он масоҳати 30 х 14 метррро дар бар гирифта, аз 9 синфхона иборат аст. Алҳол сохтмони мактаб асосан бо саҳми мардуми маҳал ва худи ташаббускор идома дошта, то он даме ки ин матлабро мо барои нашр омода мекардем деворҳои бино пурра бардошта шуда буд, яъне гуфтан мумкин аст, ки 40 - 50 фоизи корҳо ба маблағи 60 - 65 ҳазор сомонӣ иҷро шудаанд. Ҳоҷӣ Алишер ба мо иттилоъ доданд, ки аз худи ҳамин деҳаи Боғҷигда ва деҳаҳои гирду атроф, ки навбунёданд, тақрибан 200 нафар хонанда барои таҳсил ба дигар муассисаҳои таълимӣ мераванд. Аз ин рӯ ҳар чи тезтар ва бо сифати баланд сохта ба истифода додани бинои мактаб масъалаи аввалиндараҷа аст. Дар фарҷоми сухан гуфтанием, ки саҳм гузоштан дар сохтмони иншоотҳои барои имрӯзу фардои ҷамъият муҳим, мисли муассисаҳои таълимӣ амали хайру савоб буда, аҷру подошти он дар фарҳанги исломии мо ба таври равшану возеҳ баён шудааст. Пас месазад, ки шахсони хайрхоҳу саховатпеша дар сохтмони чунин иншоотҳо саҳме дошта бошанд. Чуноне ки ҳаким Носири Хусрав фармудааст:

**Беҳин коре, ки андар зиндагонист,**
**Накухоҳӣ, ба кас роҳатрасонист.**

*Маҳмудҷони АБДУЛАҲАД*
*Маҳмадулло РАСУЛӢ*
*«Тахти Қубод»*



# Пӯшидани фаранҷӣ ва ниқоб дар ҷойҳои ҷамъиятӣ дар Швейтсария манъ карда шуд

***Ташаббуси қонунгузорӣ дар мавриди манъи пӯшидани рӯй дар ҷойҳои ҷамъиятӣ, ки зимни раъйпурсии рӯзи якшанбе дар Швейтсария баргузор шуд, аз тарафи шаҳрвандон дастгирӣ ёфт. Онро аксарияти сокинони 20 ноҳия аз 26 ноҳия ва ниманоҳияҳои кишвар дастгирӣ карданд, иттилоъ додааст ҳукумати Швейтсария, хабар медиҳад АМИТ «Ховар» бо истинод ба ТАСС.***

Ҳамагӣ 51,21% иштирокчиёни раъйпурсӣ ба ҷонибдории ин иқдом ва 48,79% муқобили он овоз доданд. Манъи пӯшонидани рӯй дар нақлиёти ҷамъиятӣ, биноҳои маъмурӣ, тарабхонаҳо, дӯконҳо, варзишгоҳҳо ва дигар ҷойҳои барои мардум дастрас ҳам нисбат ба шаҳрвандони Швейтсария ва ҳам хориҷиён истифода мешавад. Истисноҳо барои ибодатгоҳҳо, инчунин дар ҳолатҳое, ки рӯй бо сабабҳои тиббӣ ва шароити иқлимӣ пӯшонида мешавад, пешбинӣ шудаанд.

Ба ҳамин тартиб, аз ҷумла, пӯшидани фаранҷӣ (хилъати васеъ, ки рӯйро бо тӯр мепӯшонад) ва ниқоб (кулоҳи занони мусулмон, ки рӯйро мепӯшонад ва чоки борик дорад) манъ карда шудааст. Кумитаи ҷамъиятӣ, ки ташаббускори раъйпурсӣ мебошад, бар ин назар аст, ки «пӯшонидани рӯйи худ дар ҷойҳои ҷамъиятӣ хилофи рӯҳияи либералии зиндагии муштарак» дар ҷомеа аст. Ба ақидаи кумита, қонуни нав ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Швейтсария имкон медиҳад, ки «бо қонунвайронкунандагони ниқобпӯш қотеъона мубориза баранд», аз ҷумла ҳангоми намоишҳо ва чорабиниҳои варзишӣ. Дар изҳороти вобаста ба ҷамъбасти натиҷаи овоздиҳӣ, кумита дастгирии шаҳрвандонро аз ташаббуси худ ҳамчун «ишораи возеҳ» ба нафъи озодиҳои динӣ арзёбӣ кард.

Аммо на ҳама дар Швейтсария ҷонибдори ин ақида мебошанд. Шӯрои марказии исломии Швейтсария изҳор намуд, ки натиҷаи раъйпурсӣ боиси «ноумедии амиқи мусулмонони дар Швейтсария таваллуд ва ба воя расида гардид». Шӯрои мазкур чунин меҳисобад, ки ҳукумат бояд барои дифои мусулмонон аз табъиз тадбирҳо андешад. Инчунин созмони дифои ҳуқуқи башар Amnesty International («Авфи байналмилалӣ») муносибати манфии худро нисбат ба пӯшонидани рӯй изҳор кардааст. Вай аз ҳукумат ва парлумони Швейтсария даъват кардааст, ки «бидуни қайду шарт ҳуқуқҳои бунёдии ақаллияти мазҳабии кишварро пуштибонӣ кунанд ва ба нафъи ҳамзистии мусолиматомез гом бардоранд».

Ҳукумат зиддияти худро нисбат ба ҷорӣ кардани манъи пӯшидани либосе, ки рӯйро мепӯшонад, изҳор намуд. Ҳукумат тавсия додааст, ки ташаббуси қонунгузорӣ дар ин робита рад карда шавад ва ба ивази он лоиҳаи нармтари қонунгузории пешниҳоднамудаи он қабул карда шавад. Тибқи он аз шаҳрвандон талаб карда мешавад, ки рӯи худро танҳо дар ҳолатҳое кушоянд, ки мақомот барои муайян кардани шахсияти афрод бар он исрор варзанд.

Маҷмӯан, ба раъйпурсии рӯзи якшанбе се савол пешниҳод шуда буд. Шаҳрвандон лоиҳаи қонуни манъи пӯшидани рӯй ва шартномаи шарикии иқтисодиро бо Индонезия тасдиқ карданд, аммо лоиҳаи қонун дар бораи шиносоии рақамии шахсиятро дар интернет рад карданд.

***Гирдоваранда***
***Фаридун АЛИМАРДОНОВ***

## ҚАСИДАИ БАҲОР

*Эй баҳори нозанин, аҷаб хиромон омадӣ,*
*Бо гулу себаргаву бо бӯйи райҳон омадӣ.*
*Абри гардун хуш биёвард муждаи васли туро,*
*Бо насими субҳдам,бо савти борон омадӣ.*
*Дер гоҳе интизорӣ мекашиданд булбулон,*
*Ваҳ,чӣ хуш, ки ин замон гул ба домон омадӣ.*
*Аз қудумат дашту саҳро гашта акнун махмалин,*
*Чун аруси пираҳансабз шоду хандон омадӣ.*
*Хубрӯёнро дигар бор ҳусни нав зам кардаӣ,*
*Ошиқонро муждае аз васли ҷонон омадӣ.*
*Ҳар дилеро зинда кардӣ бо бӯйи насрину гул,*
*Бар тани ҳар мурдае гӯиё ҷон омадӣ.*
*Мерасад ин дам насими зиндагӣ бар кӯҳу дашт,*
*Чун дами Исо дигар бор сӯи бустон омадӣ.*
*Сабзаву себарга бин гашта пойандози ту,*
*Бо нишоту бо тараб андар гулистон омадӣ.*
*Чашмаву дарё ҳамоҳанг гаштаанд бо савти ту,*
*Бо садои тундару бо абри Найсон омадӣ.*
*Ҳар замон орад ба ёд ин баҳор аз бӯйи ёр,*
*Марҳабо,эй пайки нур аз сӯйи Яздон омадӣ.*
*Дер гоҳе, эй дило, дар моҳи дай будӣ асир,*
*Ин саҳар Наврӯзу гулро хуш ғазалхон омадӣ.*

***Маҳмудҷони АБДУЛАҲАД***

# Иқдоми наҷибу хайрхоҳона

Зикр намудан ба мавриди аст, ки анҷом додани амалҳои хайру савоб, аз қабили ободкориву созандагӣ, дастгирии ниёзмандон, кӯмак ба ятимону бепарасторон яке аз барномаҳои муҳим ва ҳадафманди Ҳукумати кишвар ба шумор меравад. Ин нукта аз таълимот ва фарҳанги дини муқаддаси Ислом сарчашма гирифта, аҷру подоши он ҳамчун файзу баракат, хайру эҳсон, раҳмату мағфират,омӯрзиши гуноҳон ва иҷобати дуоҳо арзёбӣ шудааст. Чуноне ки пайғамбари бузурги Ислом - ҳазрати Муҳаммад (с.) дар яке аз ҳадисҳояш фармудааст:

**« Беҳтарин хона ҳамон хонаест, ки дар он ятиме мавриди иззату икром қарор дорад ва бадтарин хона ҳамон хонаест, ки дар он ятимеро озор медиҳанд.»** Ин суханҳо ҳамаи моро водор месозанд, ки нисбати тақдири ятимону бепарасторон бетараф набошем. Албатта, Ҳукумати кишвар бо роҳбарии хирадмандона ва инсондӯстонаи Пешвои миллат, Президенти мамлакат мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳаматарафа ва ба таври доимӣ ба қишрҳои осебпазири ҷомеа, мисли ятимону бепарасторон, пирону маъюбон таваҷҷӯҳи хосса дошта, онҳоро дастгирӣ мекунад, лекин дар баробари ин ҳар як фарди ватанпарвар ва инсондӯсту боимонро зарур аст, ки дар ин масъала канорагирӣ накунад. Чуноне ки пири хирад, Ҳаким Носири Хусрав фармудааст:



**Беҳин коре, ки андар зиндагонист,**
**Накухоҳӣ ба кас роҳатрасонист.**
**Ту гар тавфиқ дорӣ ҳам бар он бош,**
**Накухоҳу ба кас роҳатрасон бош!**

**Чу марҳам хастаро роҳатрасон бош,**
**Ба сахтӣ чораи бечорагон бош!**
**Зи некон бош, андар некӯӣ куш,**
**Макун некии кас аз дил фаромӯш!**

Боиси хурсандист, ки дар арафаи ҷашну маросимҳо анҷом додани амалҳои хайру савоб, аз қабили кӯмак расонидан ба ятимону бепарасторон ба ҳукми анъана даромадааст ва ҳастанд нафароне, ки бо хислатҳои ҳамидаи инсонӣ худро ороста карда ба зиндагии ҷомеа ва халқу миллат назари некбинона доранд. Чунин як амали хайру савоб дар арафаи иди Наврӯзи оламафрӯз бо ибтикори сарвари муассисаи таълимии № 50 -и ҷ/д «Заркамар» Сафаров Панҷӣ ва дастгирии омӯзгорону хонандагон ва коркунони хоҷагии муассиса анҷом дода шуд. Бо ташвиқи Сафаров П. ва дигар омӯзгорон ба таври ихтиёрӣ маблағи хайрия ҷамъоварӣ шуда, аз он 2 халта орд, 2 халта картошка, 2 халта пиёз, 4 бонка равған, 2 курта ва 30 бонка нӯшобаҳои дар шароити хона тайёркардашудаи меваҷоти гуногун харидорӣ гардида ба мактаб - интернати ноҳия тақдим гардид. Дар маросими супоридани ин маводҳои ғизоӣ роҳбари муассисаи мазкур Эшов Мирзо ва иҷрокунандаи вазифаи мудири шӯъбаи маорифи ноҳия Мирзоев Саъдулло иштирок доштанд. Воқеан ҳам, ин иқдоми наҷиб ва хайрхоҳона қобили ситоишу дастгирӣ аст ва месазад, ки аз он пайравӣ кард.

*Маҳмудҷони АБДУЛАҲАД*
*«Тахти Қубод»*

# ДИЛБОХТАИ ШЕЪРУ СУХАН



Каломи инсоният беҳтарин ганҷ аст, ки он чун дурру гуҳар дар шакли сухан берун меояд. Бисёр ба мавриди аст, то бигӯем, ки ин дурр ҳар чи қадар суфтатар бошад, ҳамон қадар пурбуранг, ҷаззоб ва таъсирбахш аст. Шунавандаро шод ва гӯяндаро машҳур мегардонад. Як сухани воло, бахусус, каломи бадеъ таҷассумгари садҳо роз аст. Бузурге фармудааст: «Эй инсон! Сухане гӯй, ки маъшуқаҳо Лайлӣ шаванду ошиқон Маҷнун, ақлҳои хуфта бедор шаванду дилҳои мурда ҷондор. Сухане гӯй, ки таҷассумгари некӣ бошад. Одамонро якҷо кунад на ҷудо, ба зиндагӣ фаро хонад на ба марг. Сухане гӯй, ки болу пари Симурғ дошта бошаду макону замонҳоро тай кунад. Сухане гӯй, ки хирадро дил созаду дилро хирад...»Воқеан чунин аст, сухан беҳтарин ва муқаддастарин ҳадяи илоҳист, ки танҳо ба инсон дода шудааст:

**Сухан аз Арши барин омадааст,**
**Баҳри покон ба замин омадааст.**

Ҳар чи бигӯем дар васфи сухан боз ҳам кам аст, зеро васфи он поён надорад. Беҳтар он ки чанд ҳарфе ва чанд нуктае аз рӯзгор ва эҷоди яке аз дилбохтагони шеъру сухан Ҳоҷӣ Шералӣ чун арзи сипос барои хонандаи азизу маънисанҷ гуфта бошем: Раҷабов Шералӣ Шехвалиевич 27 марти соли 1963 дар деҳаи Ваҳдати ҷ/д «Тахти сангин» - и ноҳияи Қубодиён дар оилаи омӯзгор ба дунё омадааст. Мактаби миёнаи № 37 - ро соли 1980 хатм карда, муддати 1 сол дар ҳамин мактаб кору фаъолият намудааст. Сипас солҳои 1981 - 1986 дар Донишгоҳи омӯзгории шаҳри Душанбе ба номи С. Айнӣ (он давра ба номи Шевченко), дар факултаи забон ва адабиёти рус таҳсил кардааст. Баъди хатми Донишгоҳ ба зодгоҳаш баргашта, фаъолияти омӯзгориашро аз муассисаи таълимии № 38 оғоз намудааст. Номбурда ҳоло дар МТМУ - и № 37 кору фаъолият дорад, оиладор соҳиби 6 фарзанд ва 9 набера мебошад. Раҷабов Шералӣ ҳарчанд мутахассиси забон ва адабиёти рус бошад ҳам, ба адабиёти пурғановати классикии форсу тоҷик дилбастагии хос дорад. Дар пайравӣ бо бузургони гузашта ғалаёни дилашро гоҳе ба шакли шеър рӯи когаз меорад. Вай ба ин кор ҳанӯз аз замони донишҷӯияш оғоз намуда, намунаи ашъорашро дар нашрияҳои ноҳиявию вилоятӣ пайваста ба нашр расонидааст. Албатта, хонандаи гиромӣ тавассути нашрияи ноҳиявии «Тахти Қубод» ва тавассути ду маҷмӯае, ки яке соли 2014 бо номи «Туғёни дил» ва яке соли 2016 зери унвони «Ваҳдати дилҳо» ба нашр расидаанд, аз ашъори ин дилбохтаи шеъру сухан то ҷое огоҳӣ дорад ва Шералии Шехвалӣ шояд ҳоҷат ба муаррифӣ кардан надошта бошад. Аммо боз ҳам дар ин мақолаи кӯчак мехостем аз баъзе вижагиҳои шеъри вай, ҳунари эҷод ва андешаи жарфе, ки дар ғазалҳояш мушоҳида мешавад чанд ҳарфе гуфта бошем. Шералии Шехвалӣ дар баробари он ки ашъори зиёде дар мазӯъҳои ватанпарастӣ, ваҳдату ҳамбастагӣ ва панду андарз дорад, инчунин дар пайравии нобиғаҳои адабиёти классик, бахусус, Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ бештар ғазал эҷод кардааст. Чунончи:

**«Дерест, ки дилдор паёме нафиристод».**
**Шаҳмисраи сӯзони Хаёме нафиристод.**
**Ҳарчанд бишуд воқифи асрори дили мо,**
**Хомӯш нишаст, оҳ каломе нафиристод.**
**Бо ишва маро аз раҳи ҳамвор бурун кард,**
**Пайғому дуруде ба ғуломе нафиристод.**
**Он моҳлиқо сайд намуда дили моро,**
**Озодиям аз ҳалқаи доме нафиристод.**
**Афтоду бишуд пора агар ҷоми дили мо,**
**Як ҷуръа тасаллӣ лаби ҷоме нафиристод.**
**Озурда машав, ишқ бичӯ, ком биёбӣ,**
**3-он дӯст, ки ҷуз меваи хоме нафиристод.**

Ин ғазал хеле равону сода ва бархурдор аз бадеияту васоити тасвир буда, дар он анъанаҳои суннатии ғазалсароёни адабиёти классикӣ моҳирона риоя шудааст. Чуноне ки сӯзу фироқ, дарду доғ, нокомиву нобаробарӣ ва саранҷом сабру бурдбории ошиқ дар баробари бераҳмӣ ва мағрурии маъшуқа хеле барҷаста тасвир ёфтааст. Гузашта аз ин чи тавре ки аз сӯҳбат ва мутолиаи ашъораш ба мо маълум гашт, Шералии Шехвалӣ аз масоили ирфонӣ, ки эҷодиёти қариб тамоми бузургони классик аз он сарчашма мегирад, ба хубӣ огаҳ буда, онро хеле ба мавриди ва огоҳона ҳангоми эҷоди сурудаҳояш истифода кардааст. Ин нуктаро метавон дар яке аз ғазалҳояш, ки дар пайравии Хоҷа Ҳофиз сурудааст, мушоҳида кард, ки матлааш ин аст:

**«Дар хароботи муғон нури Худо мебинам»,**
**Турраро ғарқа ба анвору ҷило мебинам...**

Яке аз ғазалҳои машҳури Ҳофизи Шерозӣ, ки бо матлаи

**«Махмури ҷоми ишқам, соқӣ бидеҳ шаробе,**
**Пур кун қадаҳ, ки бе май маҷлис надорад обе.»**

шуруъ мешавад, дар байни хонандагон ва аҳли завқ хеле машҳур буда, сарояндагон ба он оҳанг бастаанд. Аз ҷумла, дар иҷрои шодравон Кароматуллоҳи Қурбон ин ғазал бисёр ҳам ҷаззобу дилкаш суруда шудааст. Ҳоҷӣ Шералӣ низ дар пайравии ин шоҳкории Хоҷа Ҳофиз ғазале эҷод кардааст, ки воқеан ҳам дилпазир аст ва лозим донистем онро ҳамчун барги сабзе пешкаши хонандаи азиз гардонем:

**«Махмури ҷоми ишқам, соқӣ бидеҳ шаробе»,**
**Дар ишқи он париваш дилҳои мо кабобе.**
**Сад роҳро сипардам, дар роҳи ишқам оҷиз,**
**Хуршеди рӯи дилбар дилро барад саробе.**
**Оби даҳони ман рехт аз ҷилваи ҷамолаш,**
**Гуфтам аз ин наззора бошад маро савобе.**
**Чодар гирифт аз рӯй, дидам маҳи дуҳафта,**
**Аз пеши мо чу оҳу бигзашт бо шитобе.**
**Бар номаи ҷамолу қади чу сарв боло,**
**Шуд қоматам суолу, аммо набуд ҷавобе.**
**Маҳзун Шералӣ бин аз ҳаҷри рӯи ҷонон,**
**Дар сар на фикр дорад, дар дидааш на хобе.**

Умуман ашъори Шералии Шехвалӣ на танҳо дорои мавзӯи ишқӣ, балки фарогири дигар мавзӯъҳои иҷтимоӣ ва панду ахлоқиву тарбиявӣ буда, ифодагари талаботи замон мебошад. Чи тавре, ки мегӯянд: «Қадри зарро заргар медонад». Ҳоҷӣ Шерай низ баъди солҳо ба ёди муаллими аввалинаш шеъре навиштааст, ки як порчаи онро ин ҷо меорем:

**Баъди модар додиям дарси забони модарӣ,**
**Ҳар қадам аз лаҳни ширинат бидидам ёварӣ.**
**Гар шудам ман пир, эй дилсӯз, устоди азиз,**
**Лаҳну овози хушатро мекунам ёдоварӣ.**

Ин аст ки ҳар яки мо муаллими аввалин, устоди аввалини худро ҳеҷ гоҳ бояд аз ёд набарорем, агар дар қайди ҳаёт ҳаст иззаташ кунем ва агар аз дунё рафтааст хотираашро пос дорем. Дар охир ҳарчанд ки ногуфтаҳову нонавиштаҳо бисёранд, аммо бо тақозои тангии имкони нашр суханро бо навиди шодбошие, ки Ҳоҷӣ Шералии Шехвалӣ бо пешниҳод ва дастгирии идораи нашрияи «Тахти Қубод», махсусан, сармуҳарири он Адолатбону Сайфуллозода ба сафи узвияти ИЖ Тоҷикистон пазируфта шуданд, ба поён мерасонем. Ҳоҷӣ Боборо ба ин муносибат ва аз ҳама муҳим ба муносибати ҷашни зодрӯзашон, ки ба рӯзҳои таҷлили Наврӯзи оламафрӯз рост меояд, аз ҷониби тамоми ҳайати эҷодии нашрияи «Тахти Қубод» табрику муборакбод гуфта, барояшон сиҳативу саломатӣ, рӯзгори тенҷу ором ва расидан ба қуллаҳои баланди эҷодиро таманно дорем.

*Маҳмудҷони АБДУЛАҲАД*
*рӯзноманигори «Тахти Қубод*

---

*Дар партави Паём*

# ПАЁМ - БАРНОМАИ АМАЛ

**Паёми ҳарсолаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузории кишвар-Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумлаи руйдодҳои муҳиму сарнавиштсоз замина фароҳам меорад, ки пешрафти соҳаҳо таъмин ва рӯзгори мардум беҳбудӣ ёбад.**

Аввалан, Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз лиҳози моҳият хеле муҳим ва сари вақтӣ маҳсуб меёбад. Муҳимияти Паём дар навбати аввал аз масъалагузориҳо, таҳлил, ояндабинӣ, ошкори камбудиҳо, муайян намудани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ маншаъ гирифтааст.Сониян, ин ҳуҷҷати муҳим барои тамоми мардуми кишвар,сарфи назар аз мансубияташон ба ин ё он қишри ҷомеа, дастури роҳнамост.

Паём шабеҳи оинаест, ки мо метавонем пешравиву дастовардҳои мамлакатро дар он мушоҳида ва онҳоро бо нишондиҳандаҳои пешин муқоиса намоем, зеро танҳо дар заминаи муқоиса мо муътақид мешавем.Имрӯзҳо дар саросари қаламрави Ҷумҳурӣ ва берун аз он сокинон, кормандони муассисаҳо ва корхонаҳо Паёми Эмомалӣ Раҳмон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо руҳбаландӣ меомӯзанд ва сармашқи кору фаъолият қарор медиҳанд. Ҳамчунин нуқтаҳое, ки кормандони соҳаҳои алоҳида-илм, фарҳанг, истеҳсолот, саноат, кишоварзиро ҷиҳати боз ҳам ободон намудан ва гул-гул шукуфоии Тоҷикистон, падару модаронро ба таълиму тарбияи фарзандон ва насли наврасро ба омӯзиши илму техника ҳидоят мекунанд, дар байни мардум ҳамовозии гарму ҷӯшон ба амал меоваранд.

Паёми имсолаи Президент, ки доир ба самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон манзур гардид, давоми мантиқии паёмҳои солҳои пешини Сарвари давлат ба мақоми олии қонунбарори мамлакат мебошад. Он аз тамоми мардуми бонангу номус ва ватандору ватансози Тоҷикистон тақозо менамояд, ки барои пойдориву ҷовидонагии Истиқлоли давлати Тоҷикистон, мустаҳкам кардани арконии давлати навини тоҷикон, ҳифзи манфиатҳои милливу давлатӣ ва баланд бардоштани мақому обрӯи Ватани азизамон ҳамаруза саъю талош намоем.

Аз Паём то Паём мебинем ки дар паёмҳои хеш дар вохӯрӣ бо омӯзгорон ва донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, бо зиёиён ва аҳли маорифу илми кишвар вазифаҳои наву муҳимтайёр кардани мутахассисони босифат ва ба замони муосир мувофиқ, истифодаи босамари усулҳои пешқадами таълим ва навгониҳои илму техника, ҷалби хонандагон ба касбомӯзӣ ва рушди фанҳои дақиқ ва табиатшиносӣ, забономӯзиро дар муасисаҳои таълимӣ, таҳияи як қатор ҳуҷҷатҳои меъёрии соҳа ва дар баробари ин наздикшудан ба фазои ягонаи таҳсилоти ҷаҳонӣ дар назди кормандони соҳа мебошад. Паёми тозаи Президенти кишвар ҳамчун чароғи фурӯзон, фишанги доимоамалкунанда ва пешбарандаи ҷомеа буда, амалӣ шудани нақшаю вазифаҳои гузошташудаи имрӯзу фардо ва пеш аз ҳама мутобиқ ба талаботи замон ва дар ҳамбастагӣ бо ин роҳу усулҳои навтаринро дар бар мегирад.

Барои муайян намудани мавқеи хизматчии давлатӣ нисбат ба равандҳои сиёсию иқтисодӣ, иҷтимоию фарҳангӣ ва ҳуқуқӣ мусодат менамояд, ки мо пеш аз ҳама баҳри иҷрои вазифаҳои ба зимма доштаамон бештару беҳтар баҳри шукуфоии миллату давлати хеш аз самими дил софдилона хизмат намоем.

Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз воқеаҳои муҳими сиёсии сол барои мардуми кишвар маҳсуб меёбад .

Паёми Сарвари давлат на фақат кормандони мақомоти давлатӣ, балки кулли шаҳрвандони кишварро баҳри ноил шудан ба ҳадафҳои стратегии мамлакатамон, ба фаъолияти пурсамар ва воқеъбинона ҳидоят менамояд, аз ин хотир метавон онро сарчашмаи асосии дастовардҳои ҳар як сол маънидод кард. Дар Паёми имсола, ки аз андоз озод кардани кишоварзон, боло бурдани нафақаи маъюбон, стипендияи донишҷӯёну магистрантон, аспирантон ва авфи амволу дастгирии соҳибкорон, ҷиҳати кам кардани талафоти нурӣ барқ истифодаи самараноку сарфакоронаи барқ аз нуктаҳои муҳимӣ Паёми Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар соли 2021 буданд.

Бояд ҳаминро ҳам қайд кард, ки нуктаҳои асосии Паёми баҳри беолоишу тозаву озода нигоҳ доштани забони тоҷикӣ эътибори аввалин дараҷа додани он сухан гуфта аз ҷумла омузгорон ба падару модаронро дар баробари омӯзонидани фанҳои дақиқ ва дар шароити ҷаҳонишавӣ, яъне барои омӯзиши забонҳои хориҷӣ равона сохтани ҷавонон вазифаи аввалиндараҷаи ҳар яки мо мансуб меёбад.

Барои мо хизматчиёни давлатӣ донистани нуктаҳои Паёми Сарвари давлат имкон медиҳад, ки баробари вазифаҳои ҳаррӯзаи кориамон дар татбиқи меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурӣ фаъолиятамонро ба роҳ монем.

Мо ҳамеша паёмҳои Президентро сармашқи корҳои хеш қарор дода ба ояндаи бо нигоҳи нек назар намуд, зеро бо таъкиди Президент **«Мо танҳо бо ҳамин роҳ метавонем, ки дар рушди минбаъдаи Ватани азизамон саҳми арзандаи худро гузорем ва ба раванди ободиву созандагӣ такони ҷиддӣ бахшем».**

Аз ин рӯ, мо вазифадорем, ки барои татбиқи ғояҳои ваҳдати миллӣ талош карда, бо мақсади эҳёву пойдевории арзишҳои миллӣ, ки асоси пешрафти Тоҷикистони азиз мебошад, сарҷамъона кору фаъолият намоем.

*Хушназаров РУСТАМ,*
*сармутахассиси бахши*
*омори ноҳияи Қубодиён*

# ЗАН МОДАР-ФАРИШТАИ РӮЙИ ЗАМИН

Модар мадраса аст. Нақши модар дар тарбияи фарзанд хеле бузург аст. Модар муҳимтарин омили таъмини идомаи зиндагӣ дар олам аст ва аз ин ҷост, ки ӯро сарчашмаи ҳаёт ва тоҷи офариш меноманд. Ҳангоми ширхорагии кӯдак тавассути шир маънавиёти модар ба фарзанд таъсир мерасонад. Аз ин лиҳоз ҷомеаи моро зарур аст, ки нисбат ба зан-модар таваҷҷуҳи бештаре дошта бошад.

Модар-эй машъалбадасти ному нанг, Пуштибони зиндагӣ бо қасди ҷанг. Ҳаст дар сарномаҳои сарнавишт, Шири ту аз шираи боғи биҳишт.

Агар модар покдоману фариштаху бошад, фарзандонни шоиста ба дунё меорад. Модар ба монанди замин аст. Замини хуб гулу райҳон ба бор меорад, замини шӯрабум хору хас:



**Бе падар мумкин аст, шуд маълум,**
**Чун Масеҳо зи Марями маъсум.**
**Лек бе модари ҳуҷаста вуҷуд,**
**Волидеро нагуфта, кас мавлуд.**

Зан-модарро Худованди бузургвор ҳамчун офаридаи насли инсон ҳаст кардааст. Як зан дар зиндагӣ чаҳор нақшро мебозад. Агар мо духтари хубу босавод ба воя расонем, ӯ дар зиндагӣ духтар хуб барои падару модар, хоҳари хуб барои бародар, ҳамсари хуб барои шавҳар ва модари хуб барои фарзанд мешавад.

«Биҳишт зери қудуми модарон аст», гуфтанд Пайғамбарамон Муҳаммад (с). Агар тамоми дарахтони дунё ба дасти нависандагон қалам гарданд, тамоми об кӯлу дарё ранг шаванд, ҳама тамом шаванд, вале ситоиши модар тамом нашавад.



**Роҳраве, равшандиле аз Боязид,**
**Кард пурсиш, эй муроди ҳар мурид.**
**Боз гӯ охир куҷо биштофтӣ.**
**К-ин ҳама ганҷи саодат ёфтӣ.**
**Гуфт: аз як қатра ашки модарам,**
**Шоҳиди мақсуд омад дар барам.**
**Ашкҳо дар дидаи намноки ӯст,**
**Ин гуҳарҳо ашкҳои поки ӯст**
**Ашки модар ганҷу заварҳо шавад,**
**Мард аз он як қатра чун дарё шавад.**

Ҳаққо, ки гирифтани ризову дуои модар, новобаста ба синну сол, мақому манзалат дар ҳаёти минбаъдаи ҳар шахс нақш мебозад. Агар зане бача таваллуд карда бошад, бояд бигӯем, ки писаре ба дунё омад, вале духтаре таваллуд намояд, бибояд донист, ки миллате ба дунё омад. Дар хонадоне, ки табассуми зан-модар ҳувайдо нест хушбахтӣ ҳам нест.

Хушбахтона имрӯз нигоҳи Сарвари давлатамон, Пешвои миллат, Асосгузори сулҳу Ваҳдат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба зан-модар хеле бузург аст. Баланд бардоштани маърифатнокии зан-модар, мавқеи зан дар ҷомеа яке аз масъалаҳои муҳими Ҳукумату давлати Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

Зан-фариштаи рӯи замин, бунёдгару эҳёгари ҳаёти одамист ва тавассути модар-Ҳақтаъоло аҳли башарро офаридааст. Зан-аз маҷмӯи-шӯълаи офтоб, нури моҳтоб, хуни дил, оби дида, ғайрати шеър, меҳри гиёҳ, гардиши само, нақҳати боди сабо, нерӯи вафо, нармии нафас, офарида шудааст; Вагарна:-ин қадар қудрату тавоноӣ, далерию дилорой, бузургиву зебоӣ, ғамгусорию ҷасорат, ҷонбозиву устуворӣ, дар вуҷуди зан чӣ гунна пайдо мегардид?!

Пас-зиҳӣ Модар, ки бузургони олам пешат сар фуруд меоранд!

**Одам ҳама умр хонаву дар гӯяд,**
**Чун ҷон ба лабаш расад-модар гӯяд!**

*Музаффар НОРМУРОДОВ,*
*омӯзгори МТМУ№7, Аълочии маориф*

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

Номаи камоли гумшудаи силсилаи Т-ШТА № 0737275 дар бораи хатми синфи 9, ки онро МТМУ-и №51-и ноҳияи Қубодиён ба Маликова Миҷгона Абдуҷоновна додааст, эътибор надорад.

****

Номаи камоли гумшудаи силсилаи АБ №097263 дар бораи хатми синфи 11, ки онро МТМУ-и №34-и ноҳияи Қубодиён ба Чориев Самадҷон Саторович додааст, эътибор надорад.

# Ба ҳусни ту мафтунам! ТАРОНА

Баҳор, боз омадӣ, ба диёри офтобии ман! Хуш омадӣ! Биё. интизорат будам. Аз омаданат шод шудам. Ба ҳуснат мафтуну шайдоям. Ту «Аруси сол» ба сар чодари ҳарири мушкин дорӣ. Аз таманои ту чашм серӣ надорад. Дил даруни сина аз висолат беқарору моломоли ишқ аст. Ишқи меҳри беолоиши ту, эй баҳори нозанин! Ба чор су менигарам, танҳо туро мебинам, эй аруси сол. Замин аз хоби ноз бедор гаштааст, талу теппаҳо, куҳу дарра ҳама сабзу гулпӯшанд. Шохсорони гулбасар, паррандаҳои хушхон, борони найсон ҳуснорои туянд, эй баҳори нозанин! Оҳ, чӣ қадар ту зебой, Баҳор! Боз насими нармакак вазида димоғро муаатар мекунад, руҳу равонро қудрат мебахшад. Дар ин рӯз суруду таронахонӣ ба осмон ғулғула меафканад.

Бачаҳои шӯх ба арғунчак савор шуда ҳаракат мекунанд, ки ба кӯҳу дарра рафта гули лола ва бойчечак биёранду аз омадани ту Баҳори нозанин дарак диҳанд. Марди деҳқон моҳҳо интизорат буд. Аввалин донаҳои гандумро акнун ба умеди рӯзи нек, рӯзи фирӯз ба замини пурсаховат пош медиҳад.

Ҳавои тоза, чаҳ-чаҳи булбул, шир-шири обҳои чашмасор, гулу



лолаҳо, сабзаю майсаҳои лаби ҷуй дилро ба олами афсонавӣ ҳидоят мекунанд. Чӣ хушаст, ки дар оғози ту чашни дигар, ҷашни Наврӯзи аҷамро истиқбол мегирем. Бехуда мардум намегӯянд «Наврӯз пайки Баҳораст-Суманак пайки Наврӯз» Ин нишонаҳои туянд, эй баҳори нозанин! Баҳор, чи хуш аст, ки бо омаданат Наврӯзи гулбасар, Наврӯзи фирӯзро меоварию ёди мардумро бо хонҳои пурфайзат мунаввар мекунӣ, зеро ки бо омадани Наврӯз анъанаи дигари наврӯзӣ ин суманак аст. Имрӯз хонадоне нест, ки тарзи тайёр кардани суманакро надонад.

Эй баҳори нозанин! Кас вақте ба хонае,ки дар он жо суманак пухта истода бошанд, дароянд, албатта чашмонаш ба ғарами чӯбу кундаҳои бисёре меафтад. Ин далели он аст, ки гулхани наврӯзӣ то саҳар фурӯзон мешавад.

Гуруҳи занонро мебинед, ки аз ҳамираи тайёркардашуда кулчаҳои суманакӣ тайёр мекунанд. Гулдухтарон бо қошуқҳои чубин деги суманакро, ки балақ-балақ меҷӯшад, кофта ин таронаҳои халқиро зам-зама мекунанд.

**Суманак бӯи баҳор аст,**
**Суманак шабзиндадор аст .**
**Суманак дар дег мо кафча занем,**
**Дигарон дар хоб мо дафча занем.**

Дар ин рӯз садои дафу доира,садои сурудхонии гулдухтарон то дуриҳои дур парвоз мекунад. Шоирон боз бар васфи ту «Баҳори нозанин» шеъру таронаҳои нав месароянд.Забон аз таърифу тафсифи ту лол мемонад,чунки ин ҳама шодию сурур бо шарофати омадани туст, эй Баҳори нозанин! Ҳама хурсанданд дар имрӯз.

Ҳама механданд, месароянд, мерақсанд. Ид болои ид аст. Имрӯз, Баҳор Хушомадӣ!!!

*Рустам ХУШНАЗАРОВ,*
*Сармутахассиси бахши омор*

ПОДОШИ АМАЛ

# ОҚИБАТИ БЕАНДЕШАГӢ

Суди ноҳияи Қубодиён нисбати сокини деҳаи Ҳаваскори ҷамоати деҳоти Тахти Сангин Хожамқулов Салимҷон Каримҷонович соли таваллудаш 20.11.1979, миллаташ ӯзбек, таҳсилоташ миёнаи нопурра, муваққатан бекор, оиладор, соҳиби чор фарзанд, қаблан суд нашудааст, бо дастрасии моддаи 109 қисми 2-и Кодекси Ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати 5 (панҷ) сол, бо адо намудани ҷазо дар колонияҳои ислоҳии дорои низомашон пурзӯр таъин намуд. Дар ин бора ба мухбири "Тахти Қубод" раискунандаи мурофиаи мазкур Назариён А. иттилоъ дод.

Тибқи далелҳои дар парванда овардашуда, судшаванда Хожамқулов Салимҷон барои содир намудани ҷиноятӣ ба худкушӣ расонидан бо роҳи муомилаи бераҳмона ё пастзании мунтазами шаъну эътибори шахси ҷабрдида, ки аз ҷиҳати моддӣ ё ҷиҳати дигар тобеи гунаҳгор мебошад, айбдор доништа шуда, ҷинояти мазкурро дар ҳолати зайл содир намудааст.

Чунончӣ, ӯ бо ҷабрдида Сайдалиева Қундузхон Тоҳировна санаи 24.07.2003 сол оила барпо намуда, аз зиндагонии якҷояашон соҳиби чор фарзанд - ду духтару ду писар, ки дар синну сол аз ҳамдигар як-ду сол фарқ мекунанд, мегарданд. Судшаванда Хоҷамкулов С.К. дар давоми 3 соли охир ҳар рӯз машруботи спиртӣ истеъмол намуда, дар ҳолати сархушӣ писараш Каримжонов Х.С.-ро мунтазам, дидаву диониста ҷангу ҷанҷол, таҳқир ва нисбати охирон муомилаи бераҳмона намуда, ҳуқуқҳояшро поймол намудааст.

Судшаванда Хожамкулов Салимҷон мунтазам дар ҳолати мастӣ бо оилааш Сайдалиева Қ.Т., дар назди фарзандонаш бе асос ҷангу ҷанҷол намуда ӯро дашном ва лату кӯб мекунад. Намегузоштааст, ки фарзандаш Хакимжон озодона хӯрок хӯрад, оинаи нилгун тамошо кунад, фақат бо сахтгирӣ аз ӯ кор талаб карда дар бисёр ҳолатҳо "ҳаромхӯр", "тайёрхӯр" гуфта, ӯро аз хӯрдани обу-хӯрок дар вақташ маҳрум мемондааст, ё ин ки гурусна ӯро ба кори замини хоҷагии деҳқониашон сафарбар мекардааст. Ноболиғ Ҳакимжон дар зиндагӣ ба монанди дигар ҳамсолонаш худашро озод ҳис накарда, ба кӯча намебаромад ва дар вақтҳои холӣ ба бозӣ машғул шуда наметавонист. Ҳамзамон ба сару либос ва лавозимотҳои хониш ба пуррагӣ таъмин набудааст. Танҳо бо як адад шиму кастюми кӯҳнаву сумкаи фарсуда ба мактаб мерафтаст, омадааст дар парванда. Охирин тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд" ӯҳдадориҳояшро иҷро намекардааст, -мегӯяд раисикунандаи мурофиа Назариён А.

Ҳамин тавр дар натиҷаи ин ҷангу ҷанҷол ва кирдорҳои мунтазам бераҳмонаи падараш Каримов Салимҷон ноболиғ-Каримжонов Хакимжон тоб наоварда, дигар роҳи халосӣ наёфта соҳиб санаи 17 сентябри соли 2020, тахминан соати 19:20 дақиқа бо мақсади ба худкушӣ расонидан ба сари замини хоҷагии деҳқониашон бо номи «Бобои Қобил» рафта, бо банди синтетикии рангаш сурхча дар дарахти санҷид худро овехтааст, ки дар натиҷа ба ҳалокат мерасад.

Бо ҳукми суди ноҳияи Қубодиён Хожамқулов Салимҷон Каримҷоновичб дар содир намудани ҷиноят бо моддаи 109 қисми 2-и Кодекси Ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон гунаҳкор дониста шудааст.

*АДОЛАТ*
*"Тахти Қубод"*

# ЗОДРӮЗ МУБОРАК

Турғун Юлдошов! Шуморо бо фарорасии мавлуди хуҷастаатон, 50 солагии милодатон самимона табрик мегӯем. Бароятон, қабл аз ҳама умри дарози бехазон, толеи баланд ва хушбахтии ҷовидонаро таманно дорем. Бигузор ҳамеша зебою кушодачеҳра ва солиму тандуруст бимонед. Аз даргоҳи Офаридгор талаб менамоем, ки ҳамеша шуморо саодатманду нерӯманд ва толеъбаланду фараҳманд дар паноҳаш нигоҳ дорад. Мо, ҳама, Шуморо дӯст медорем.

***Бо як ҷаҳон меҳру муҳаббат ҳамкорон ва дӯстонатон аз МТМУ-и №24.***



ТАХТИ ҚУБОД
Муассис: Мақомоти иҷроияи Ҳокимияти давлатии ноҳияи Қубодиён

САРМУҲАРРИР
САЙФУЛЛОЗОДА АДОЛАТ

Нишонии мо: 735191, н.Қубодиён, кӯчаи И.Сомонӣ 200.

Рӯзнома 07.01.2019. тахти №119рз-97 дар Вазорати Фарҳанги ҶТ ба қайди давлати гирифта шудааст.

Рӯзнома ба хотири гуногунандешӣ мақолаҳо чоп мекунад, ки ба мавқеъ ва назари ҳайати эҷодӣ метавонад мувофиқат накунад ва зимнан идораи нашрия масъулиятро ба дӯш нагирад, дастхат ва суратҳо баргардонида намешавад.

Телефон барои тамос: 93-842-36-25
Рӯзнома бо теъдоди 3300 нусха дар матбааи «Мега-принт» нашр шуд.

"Матлабҳои хонданбобро аз саҳифаи фейсбукии мо саривақт дастрас ва истифода карда метавонед"

CMYK